***ТАҚРИЗИ***

***муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.05. – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (илмҳои педагогӣ)***

Воқеан такя кардан ба нерӯҳои зеҳнӣ ифодаи бебаҳси эҳтиром ва арҷгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъриху тамаддун ва илму фарҳанги миллатамон мебошад. Ин мавқеи эътимодбахши давлату ҳукумат тайи солҳои истиқлолият яке аз омилҳои муҳими иттиҳоду ҳамбастагӣ ва ваҳдату ягонагӣ дар ҷомеаи навини Тоҷикистони биҳиштосо гардидааст. Дар ин самт бояд таъкид дошт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати оқилонаи пешгирифтаи худ соҳаи маориф ва илмро яке аз самтҳои стратегии муҳими давлату миллат қарор додаанд. Дар баробари ин қайд кардан бо маврид аст, ки ба соҳаи маориф ва илм ҳамасола дар низоми буҷаи кишвар дар қиёс ба дигар соҳаҳо бештар маблағ ҷудо карда мешавад. Ва аз ҳама муҳим чун ба тамоми суханрониҳои Пешвои миллат менигарем, дар ҳама мулоқоту суҳбатҳояшон бо намояндагони аҳли зиё ва олимону ихтирокорон ва дар маҷмӯъ бо тамоми шаҳрвандон масъалаи мактабсозиву мактабдорӣ, китобхонию илмомӯзӣ ва ихтирои технологияи навин пайваста пурсон шуда, дар ин ҷараён мусоидати бевосита менамояд. Аз ҷумла Президенти мамлакат дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олӣ чунин таъкид доштанд, ки «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд. Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шаванд.

Чунки дар замони муосир талабот ба нерӯи ақлӣ ва сармояи инсонӣ аҳамияти беш аз пеш пайдо карда, ба нишондиҳандаҳои пешрафт ва рушди

иҷтимоиву иқтисодии кишвар умуман дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири бузург мерасонад.

Бо назардошти мубрамияти коркарди илмии доираи муаммоҳои тартиб додани масъалаи таълимӣ барои истифодаи компютер дар раванди омӯзиши мафҳум, муносибатҳои назариявӣ ва зарур будани таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Давлат Амриддинович шубҳаю тардиде ба миён намеорад.

Аммо, ҳамон тавре ки таҳлили таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, дар муассисаҳои таълимӣ компютерҳо асосан барои омӯзонидани малакаҳои техникии донишҷӯён истифода мешаванд, иқтидори ТИК барои рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ ба воситаи ТИК пурра истифода намешаванд. Сабаби ин, аз ҷумла, мавҷуд набудани барномаҳои мушаххас оид ба ташаккули рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути воситаҳои ТИК (шахсияти эҷодӣ, қобилиятҳои эҷодӣ, раванди эҷодӣ) ба ҳисоб рафта, ки дорои анъанаи бой дар таҳқиқотҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, омӯзгорӣ, фарҳангӣ ва санъат мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, **ихтилофоти** асосиро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- хусусияти меъёрии фаъолияти таълимӣ ва талабот дар рушди эҷодкории донишҷӯён ҳамчун иқтидори рушди иҷтимоӣ;
- фармоиши иҷтимоии ҷомеа барои шахсияти эҷодкор ва рушди нокифояи технологияҳои психологию педагогӣ дар рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК ҳамчун қобилияти умумии эҷодкорӣ;
- кӯшиши табиии донишҷӯ ба фаъолияти эҷодкорӣ ва низоми маҳдудиятҳо, мамнӯъиятҳо аз ҷониби омӯзгорон ва муҳити иҷтимоӣ;
- иқтидори назаррас дар рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК, ки ба дарси фанҳои табиатшиносӣ дониш, малака ва маҳорат доранд.

*Дар ибтидои диссертатсия* муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқот зикр ёфтааст, ки барои давлати демократӣ, ки ба пешрафт ва рушду такомули давлат кӯшиш дорад, муҳим аст, ки пеш аз ҳама одамон ба шароити душвор ва тағйирёбанда мутобиқ карда шаванд ва тавонанд худро дар он бишносанд. Дар айни замон масъулияти ҳар як шахс роҷеъ ба сарнавишти худ дар аҳамияти иҷтимоӣ, касбӣ ва шахсии он хеле афзоиш ёфтааст.

Вазифаи пешбари муассисаҳои таҳсилоти олӣ омодасозии касбии донишҷӯён ба ҳисоб меравад, ки дар раванди он мавҷудияти ҷузъи инкишофёфтаи эҷодӣ тақозо мешавад. Мафҳуми эҷодкорӣ бо мафҳуми тафаккури эҷодӣ алоқамандии зич дорад. Табиати тафаккури эҷодӣ ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи олимон қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки доираи фанҳои табиатшиносӣ дар ҳама барномаҳои асосии таълимӣ мавҷуданд. Омӯзиши доираи фанҳои мазкур раванди пешгӯии натиҷа, муайян кардани хусусиятҳои хоси мавзӯъ ё равандро дар бар мегирад. Ин навъи фаъолиятҳо мавҷудияти тафаккури эҷодии интиқодиро фаро мегиранд. Раванди ташаккули тафаккури эҷодкории донишҷӯён бо ташкили дарси махсуси таълимӣ, алоқаманд аст, ки бо усулҳои рушддиҳандаи он, интихоби маводи таълимӣ истифода мешавад.

*Боби якуми диссертатсия* ба моҳият, ҷузъҳо ва хусусиятҳои рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК, ки аз 3 банд иборат буда, чунин бандҳоро дарбар мегирад: масъалаи рушди эҷодкории донишҷӯён дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ (банди якум); идеяи пешбар ва омилҳои асосие, ки ба рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъсир мерасонанд (банди дуввум); намунаи рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК.

Ба ақидаи муаллиф истифодаи ТИК дар синфҳои фанҳои табиатшиносӣ имкон медиҳад, ки ҷомеашиносии донишҷӯён баланд бардошта шавад, малакаҳои муошрати онҳо рушд ёбад, баланд бардоштани худбаҳодиҳии худи донишҷӯ сайқал ёбад ва боиси болоравии сатҳи омодагии ҳавасмандӣ ба омӯзиш гардад. Бинобар ин ба инкишофи эҷодкории донишҷӯён тавассути ТИК дар дарси фанҳои табиатшиносӣ омилҳои зерин халал мерасонанд: канорагирӣ аз хавф; саъй кардан ба муваффақият бо ҳар роҳе; стереотипҳои қатъӣ дар тафаккур ва рафтор; мувофиқат; (конформность); арзёбии манфии тасаввурот, тахаюллот, тадқиқот; таъзим кардан дар назди шахсони обрӯманд.

*Боби дуюми диссертатсия* «Технологияи рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» 3 бандро дар бар гирифта оид ба масъалаҳои зерин баҳс мекунад: хусусияти шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои табиатшиносӣ тавассути воситаҳои ТИК (банди якум); технологияи татбиқи модели рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК (банди дуввум); санҷиши таҷрибавии самаранокии модели рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК.

Дар боб ва зербобҳои мазкур аз ҷумла омадааст, ки ҷорӣ намудани ТИК дар низоми маорифи Тоҷикистон дар замони муосир низ мубрамияти худро аз даст надода, ба афзудани миқдори муассисаҳои таълимие мусоидат карда истодааст, ки онҳо шакли анъанавии таълимро бо технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ пурра гардонидан мехоҳанд. Ин омил аз он ҷиҳат низ муҳим шуморида мешавад, ки аксари ҷавонони имрӯза компютерҳои фардиро озодона ба кор бурда, ҷаҳонро тавассути Интернет кашф мекунанд ва маълумоти заруриро аз шабакаи глобалӣ моҳирона датрас менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи «Таҳсилоти муосир ва технологияҳои педагогии инноватсионии таълим» ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб бо ягонагии дохилии диссертатсия тавъам омада, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозии компютерӣ, ки фарогири масъалаҳои муносибати босалоҳият дар таълим мебошанд, метавонанд ба рушди назария ва методикаи омӯзишу таълими фанни информатика саҳми босазо гузоранд. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ ва модулҳои барномавии дар шакли комплекси барномаҳои объектгаро таҳияшуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, маҳсули афкори шахсии муаллиф мебошанд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот:***

- фаҳмиши илмӣ роҷеъ ба мундариҷаи мафҳуми «рушди эҷодкории донишҷӯён» мушаххас карда шудааст;
- шароитҳои психологию педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ бо ёрии ТИК муайян карда шуданд;
- нақши ТИК рушдкунанда дар рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои табиатшиносӣ ошкор карда шудааст;
- барномаи рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути васоити ТИК таҳия шудааст;
- самаранокии корҳои озмоишӣ – таҷрибавӣ роҷеъ ба рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ бо ёрии ТИК муайян карда шудааст.

*Интишори натиҷаҳои диссертатсия.* Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 10 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 – тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 7 – тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар маводҳои конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявиро ташкил додааст.

Раванди санҷиш ва татбиқи натиҷаҳои мавзӯи таҳқиқот амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2018-2022) гузаронида шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқотӣ дар шакли маърӯзаҳои илмӣ дар семинарҳои кафедраҳои МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент баррасӣ ва муҳокима

гардида, дар конфронсҳои илмӣ – амалии байналмилалӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ, аз ҷумла «Масоили мубрами математика ва таълими он», «Тайёр намудани мутахассисони муосири фанни риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар», «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир» ба тасвиб расидаанд.

***Дараҷаи татбиқ:*** Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро 2 муассисаи таълимӣ – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров». Дар раванди омӯзиш 847 нафар донишҷӯён ва 36 нафар омӯзгорон иштирок карданд, ташкил додаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзгорони фанҳои информатика ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии МТОК ва мутахассисони бахшҳои такмили ихтисоси донишгоҳҳо метавонанд дар фаъолияти касбии худ ва дар раванди ташкили таълими фосилавӣ ба таври васеъ истифода намоянд.

Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб бо ягонагии дохилии диссертатсия тавъам омада, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозии компютерӣ, ки фарогири масъалаҳои низоми таҳсилот ва муносибати босалоҳият дар таълим мебошанд, метавонанд ба рушди назария ва методикаи омӯзишу таълими фанни информатика саҳми босазо гузоранд. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ ва модулҳои барномавии дар шакли комплекси барномаҳои объектгаро таҳияшуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, маҳсули афкори шахсии муаллиф мебошанд.

Автореферати диссертатсия пурра моҳият ва муҳтавои диссертатсияро ифода намуда, бобу фаслҳои он тибқи муқарароти расмие, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, мураттаб гардидааст.

***Дар диссертатсия баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати рисолаи диссертатсионии мазкур хоҳад шуд:***

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои ҳамкории омӯзгорони фанҳои дигари муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба таври мушахасс таҳқиқ мегардид.
2. Дар рисола хуб мебуд, ки оид ба монеа ва мушкилот дар истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо дар раванди машғулиятҳои таълимӣ маълумот дода мешуд.
3. Агар курси махсуси «Рушди эҷодкорӣ тавассути ТИК» таҳия намудаи

унвонҷӯ ба дигар муассисаҳои олии касбӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ гардад, диссертатсия боз ҳам васеътар дар амал татбиқ мешавад.

4. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва хусусияти техникидошта ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор аст.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ – назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**, муаллифи диссертатсия Давлатов Давлат Амриддинович ҳадафу вазифаҳои дар наздаш гузошташударо баррасӣ намуда, дар муайян намудани асосноккунии назариявию методӣ ва коркарду тасвиби таъминоти ташкилӣ ва педагогии омӯзиш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар шароити амалишавии муносибати босалоҳият дар таълимро баррасӣ намудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявӣ ва методологии модели ба амалия нигаронидашудаи инкишофи эҷокории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК иборат аст, ки онҳоро дар амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) босамар истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур мухтавои асосии соҳаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълим, информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби таҳқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии муассисаҳои таълимӣ меорад, бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва методикаи омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот мебошанд, дар рушди методикаи таълими фанҳои технологияи иттилоотӣ ва информатика саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуктаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, технологияҳои амсиласозӣ, усулҳои назариявӣ ва амалии мутобиқ

ба мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, экспериментҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва нашри маводи илмии таҳқиқот ташкил додаанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» - и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» ба бандҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатов Давлат Амриддинович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) сазовор мебошад.

***Муқарризи расмӣ:***
*номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,*
*мудири кафедраи математикаи олӣ*
*ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию*
*металургии Тоҷикистон* *Туев Шоҳин Шоевич*

*Имзои Ш.Ш.Туевро тасдиқ менамоям.*
*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси*
*Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон,*
*н.и.т., дотсент* *Сулейманова Н.А.*

*Маълумот барои тамос: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бӯстон, кӯч.Баротов А.6.*
*Тел:+992927531988;* ***E-mail: Shohin-8888@mail.ru***

Сана «30» 01 2023с.